ТДУ 330.101.54

# САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ : КРИТЕРИЯ, ОМИЛҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲО

**Олимов А.Х.-** – н.и.и., дотсент, **Аминзода З.М.-**омӯзгори калон.
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *самаранокӣ, самаранокии иқтисодӣ, маҳсулоти умумӣ, маҳсулоти ниҳоӣ, натиҷа, захира, даромади умумӣ, фоидаи соф, хароҷотҳои ҷорӣ, фоида, критерияи самаранокӣ, махсусгардонии минтақавӣ.*

Самаранокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои фаъолиятро аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ оид ба рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян менамояд ва дараҷаи ноил шудан ба ин ҳадафро инъикос менамояд. Дар робита ба соҳаи кишоварзӣ , самаранокиро бояд ҳамчун натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳое, ки барои таъмин ва баланд бардоштани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ ва саноатро бо ашёи хом нигаронида шудаанд, баррасӣ карда мешавад.

Ба ақидаи М.И. Тертишник, Н.И. Шелковников ва дигарон [7] ҳолати назариявии самаранокии иқтисодиро ($С_{иқтис}$) дар формула ба таври зерин пешниҳод кардан мумкин аст:

$$Сикт = \frac{\text{Самара (натичаи истехсолот)}}{\text{Харочот (захирахо)}} \quad (1)$$

Дар ин ҷо $С_{икт}$ – самаранокии иқтисодӣ аст, яъне бузургии нисбӣ, ки натиҷаи фоиданокиро нишон медиҳад, самаранокии иқтисодӣ мебошад.

Ба ақидаи олимони тоҷик Пиризода Ҷ.С. ва Олимов А.Х. самараноки ҳамчун таносуби натиҷаи истеҳсолот ба сарфи хароҷоти истеҳсолӣ (захираҳои истеҳсолӣ) ҳисоб карда шуда, яке аз критерияҳои мураккаби иқтисодӣ буда, бузургиаш ба таъсири омилҳои гуногун вобаста аст. Ҷунин ҳолат талаб менамояд, ки барои баҳодиҳии он низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ истифода бурда шаванд, алоқаи байни онҳо омӯхта шавад, таҳлили комплексӣ гузаронида шуда, натиҷаҳо оид ба самти баланд бардоштани самаранокӣ ба даст оварда шавад [5].

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р. қайд мекунад, ки ба мафҳуми "самаранокӣ" бо мақсади таъмини раванди устувори истифодаи замин ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, арзиши нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои самаранокии иқтисодии хоҷагии халқ ва тиҷоратиро бояд ворид намоем [9].

Тибқи андешаҳои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор А.А. Мадаминов барои муайян намудани моҳияти категорияи иқтисодии самаранокии истеҳсолот, баррасӣ намудани таркиби мафҳумҳои «самаранокӣ » ва «самаранокии истеҳсолот» мақсаднок ҳисобида мешавад [3].

Бо назардошти гуфтаҳои боло барои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ зарур аст, ки системаи нишондиҳандаҳои зерин истифода бурда шаванд:

а) дараҷаи истифодабарии замин: нисбати даромади умумӣ ва соф ба майдони кишти зироати кишоварзӣ;

б) дараҷаи истифодаи фондҳои асосӣ: нисбати даромади умумӣ ва соф ба арзиши фондҳои асосии истеҳсолии кишоварзӣ (боздеҳи фондҳо);

в) дараҷаи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ: нисбати даромади умумӣ ва соф ба шумораи миёнасолонаи кормандон, маҳсулнокии меҳнат ё вақти кории сарфшуда (одам рӯз, одам соат) ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, нишондиҳандаи меҳнатталабӣ);

г) дараҷаи истифодаи хароҷоти ҷорӣ: маҳсулоти умумӣ ба як сомонӣ хароҷотҳои истеҳсолӣ;

д) дараҷаи даромаднокӣ: нисбати фоида (даромади соф) ба арзиши маҳсулоти фурӯхташуда ва нисбат ба арзиши миёнасоланоаи фондҳои асосӣ ва гардон [5].

Самаранокӣ ҳангоми дигар шароити баробар чӣ қадар баландтар бошад, ҳамон қадар маҳсулоти истеҳсолшуда бештар аз як воҳид масоҳати замин истеҳсол карда мешавад. Агар хароҷот барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот паст бошад, ҳамон қадар даромаднокии корхона баландтар мегардад. Самаранокӣ ҳангоми афзун гардидани ҳосилнокӣ, камшавии ҳаҷми меҳнат, афзоиши даромади умумӣ ва соф ва дар натиҷа, ба даст овардани фоидаи зиёд баланд мешавад. Азбаски, ки дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси муҷаҳҳазгардонии техникии истеҳсолот арзиши воситаҳои

асосӣ ва гардишӣ баланд гардида, ҳосилнокии сармоя ва пардохт кардани арзиши истеҳсолӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Бояд ёдовар шуд, ки критерияи самаранокии иқтисодӣ бояд моҳияти муносибатҳои иқтисодиро дар раванди истеҳсолот ва амалиётҳои мубодилавии молию пулӣ бо таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон инъикос намояд, инчунин муносибатҳои баробарҳуқуқро бо дигар соҳаҳо, ки бо сохторҳои танзимкунандаи давлатӣ баробаранд, нишон диҳад. Мураккабӣ дар интихоби критерияхои ҳаммаъно аз нуқтаи назари мухталифи олимони соҳаи иқтисодиёт инъикос ёфтааст. Критерия ва нишондиҳандаи асосии самаранокии иқтисодӣ , ба ақидаи Кидяева Н.А ва дигарон, «дараҷаи ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ » мебошад ва минбаъд мушаххас баён менамоянд, ки «....дар соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти моддӣ ҳосилнокӣ тибқи маҳсулоти умумӣ ҳисоб карда мешавад» [1]. Аммо маҳсулоти умумӣ натиҷаҳои фаъолиятро ифода менамояд, на самаранокиро ва ин нишондиҳанда метавонад дар сатҳҳои гуногуни хароҷот бо истифодабарии захираҳои бозорӣ истеҳсол карда мешавад. Бинобар ин, муқоиса намудан бо яке аз захираҳои истифодашаванда қобили қабул нест. Е.Витун дар он ақида аст, ки критерияи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ бо "... таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ (даромади умумӣ ) ба хароҷоти зинда ва моддӣ " [2] ифода меёбанд. Дар ин тасниф нишондиҳандаи маҷмӯи даромади умумӣ натиҷаро инъикос накарда, ҳосилнокии истеҳсолотро нишон додааст, аммо он маҳсулоти "истеҳсолшуда" ниҳоӣ маҳсуб меёбад ва ҳанӯз маълум нест, ки оё он хароҷоти истифодашударо пӯшонда метавонад. Бисёре аз иқтисодчиён чунин ақида доранд, ки ба сифати критерия чун қоида бояд ба даст овардани даромади аз ҳад зиёдро интихоб намоянд. Ҳамин тавр, В. Свободин менависад: "Критерияи самаранокии иқтисодии истеҳсолоти маҳсулоти агросаноатӣ дар шароити бозоргонӣ фоида ба ҳисоб меравад" [6]. Ин нуқтаи назарро як қатор муаллифони дигар: Л.И. Абалкин, В.А. Добрынин, Кидяева Н.А., А.Осипов. А.И.Трубилин. Л.А. Трисвятский, И.Г. Ушачев, Ҷ.С. Пиризода, А.Х. Олимов ва дигарон низ дастгирӣ менамоянд.

Мо чунин меҳисобем, ки баъзе иқтисоддонҳо мафҳуми «критерияро»-ро бо нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ нодуруст маънидод мекунанд. Дар як қатор асарҳо зарурати мутобиқаткунии миқдории критерия таъкид карда мешавад, дар дигар асарҳо бошад, критерияи самаранокӣ бо кадом як нишондиҳандаи самаранокӣ иваз карда мешавад.

Дар сатҳи сифатнокӣ , критерияро олимон А.Д. Заводчиков, В. Свободин ва дигарон чунин арзёбӣ намудаанд: «Критерияи самаранокии иқтисодӣ - имконияти таъмини худмаблағгузорӣ барои таъмини такрористеҳсолкунии васеъ аст» [6]. То андозае тафсири васеъро иқтисоддонҳои соҳаи кишоварзӣ медиҳанд. Ба сифати критерияи самаранокии фаъолияти маҷмааи агросаноатӣ оид ба баланд намудани фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ ба аҳолӣ бо арзишҳои истеъмолӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ барои саноат, ки намудҳои зарурияро талаб мекунад, дар натиҷаи истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолии тамоми соҳаҳои АПК баромад менамоянд. Ҳамчун критерияи самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоишёбии маҳсулоти нав кашф кардашуда дар ин соҳа тавассути истифодабарии самарабахши захираҳои мавҷуда мебошад. Аммо ин критерияҳо имкон намедиҳанд, ки арзёбӣ гузаронида шавад, алалхусус самаранокӣ дуруст ва пурра муайян карда шавад.

Ба сифати критерияи умумии самаранокии иқтисодии истеҳсолоти ҷамъиятиро бисёре аз иқтисоддонҳо (И.Н. Буздалов, В.П. Василенко, М.В. Грибовсков, А.П. Зинченко, В.А. Клюкач) пешниҳод менамоянд, ки нишондиҳандаи сатҳи маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятӣ интихоб карда шавад.

Ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ **(ҲМ $_{\text{умумӣ}}$)** ҳамчун таносуби даромади миллии истеҳсолгардида (ДМ) ба ҳисоби миёнаи шумораи кормандоне, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти маҳсулоти моддӣ машғул мебошанд, муайян карда мешавад.

Ба андешаи иқтисоддонҳои дигар (А.Н. Березкина, А.М. Малько, В.И. Нечаева, Е.С. Оглоблина,) ба сифати критерияи самаранокии истеҳсолот бояд афзоиши даромадҳои миллӣ на ба шумораи кормандон, балки ба ҳар як сари аҳолӣ дар асоси афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҳисобида шавад.

Ҳамзамон, ба андешаи мо дар соҳаи кишоварзӣ дар маҷмӯъ ба даст овардани самараи аз ҳад зиёд аз ҳар як воҳиди сарфи меҳнат (ва ё кам кардани хароҷоти меҳнат ба воҳиди самара) ҳамчун критерия баромад менамояд.

Дар баробари истифодаи критерия асосӣ талаб карда мешавад, ки критерияҳои хусусӣ истифода бурда шаванд. Чунин критерияҳо барои муайян намудани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти алоҳида заруранд. Ба ақидаи мо, критерияи хусусӣ барои парвариши ғалладона афзоиши ҳадди аққали истеҳсоли ғалладона бо хароҷоти камтарини меҳнатӣ ва воситаҳо барои ба даст овардани он мебошад. Дар баробари ин, ба ҳаҷми хароҷот на танҳо хароҷоти истеҳсолӣ (хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ ), балки хароҷот барои ҳифзи муҳити зист ва беҳтар кардани сифати маҳсулотро ворид кардан мумкин аст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба сифати критерия самаранокии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ мо пешниҳод менамоем, ки самараи ҳосилгардида (натиҷа) ҳам бо захираҳо ва ҳам хароҷоти истифодагардида муқоиса карда шавад. Ин барои он зарур аст, ки натиҷаҳои истеҳсолот ҳам бо хароҷот ва ҳам маҷмӯи умумии захираҳое, ки дар раванди истеҳсолот ҷалб гардидаанд, вобастагӣ дорад.

Омӯзиши монографияҳо ва мақолаҳои илмии муаллифони мухталиф имкон дод, ки шаш гурӯҳи омилҳои самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзиро гурӯҳбандӣ намуда нишон дод: 1) табиӣ-иқтисодӣ, 2)техникӣ-технологӣ, 3) ташкилӣ, 4) иқтисодӣ, 5) иҷтимоӣ ва 6)экологӣ. Дар ҳар як гурӯҳ унсурҳои таркибӣ, ки ба самаранокӣ таъсири мустақим ва ғайримустақим мерасонанд, ҷудо карда шудаанд.

Дар навбати хеш, самаранокии иқтисодӣ аз бисёр омилҳо, ки таъсири онҳо дар сатҳи назаррас хусусиятҳои соҳавӣ доранд вобастааст. Дар хоҷагии кишоварзӣ натиҷаи истеҳсолот ва самаранокии иқтисодии он аз якчанд омилҳои ба истеҳсолоти кишоварзӣ хос вобаста мебошад. Мавриди муайян кардани самаранокӣ аҳамият ва алоқаи омилҳоро бояд баҳо дод, зеро маҳз тавассути он сарфаи хароҷотҳо ё боздеҳи беҳтарини он имконпазир мебошад.

Муаммои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти гандумро дар асоси таҳлили омилҳои муҳити дохилию берунӣ баррасӣ менамоем (расми 1).




**Расми 1. - Омилҳои асосии ба самаранокии истеҳсоли ғалладона таъсиркунанда.**

Самаранокии истеҳсолот аз якчанд омилҳо вобаста аст, ки таъсири онҳо дар хусусиятҳои махсуси соҳавӣ инъикос меёбанд. Дар соҳаи кишоварзӣ, натиҷаи истеҳсолот ва самараноки иқтисодии он аз омилҳои зиёди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст. Ҳангоми муайян кардани самаранокӣ донистан ва арзёбии аҳамият ва ҳамбастагии омилҳо муҳим аст, то муайян намоем аз ҳисоби кадоме аз ин хароҷотҳо сарфа намудан имконият дорад ва ё натиҷаи беҳтар медиҳад. Масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғаладона дар асоси муносибати мунтазам бо назардошти омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ баррасӣ карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои самаранокиро метавон бо ду тарз ҳисоб кард: тақсим кардани натиҷа (самара) ба ҳаҷми хароҷотҳо ва ё фарқи байни натиҷа ва хароҷот барои гирифтани он. Ҳамзамон, низоми нишондиҳандаҳо зарур аст, зеро бояд хусусияти ченкунии самаранокӣ, навъҳои гуногуни захираҳои истеҳсолӣ, ки бо хусуиятҳои иқтисодии худ фарқ мекунанд ва на ҳамеша муқоисакунанда мебошанд, ба инобат гирифта шаванд.

Азбаски самаранокии иқтисодиро мумкин аст бо роҳи муқоиса намудани самара ва захираҳо ва ё муқоисакунии самара ва хароҷот муайян карда мешавад, пас нишондиҳандаҳои самаранокӣ метавонанд ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд. Ба якум метавон мансуб намуд (самаранокии иқтисодии захираҳои истифодашуда) ба монанди маҳсулнокии замин, баргардонии сармоя, ҳосилнокии захираҳо, маҳсулнокии моддӣ, ҳосилнокии меҳнат ва ғайра.

Гуруҳи дуюм (самаранокии иқтисодии захираҳои истеъмолшуда, хароҷотҳои ҷории истеҳсолӣ) арзиши аслӣ, хароҷотҳои меҳнатӣ, сатҳи даромаднокӣ ва дигарҳоро дар бар мегирад. Вобаста ба мақсад ва объектҳои таҳқиқот, ҳамзамон метавонанд нишондиҳандаҳои гуруҳҳои якум ва дуюм истифода бурда шаванд.

Бисёр олимон ҳаҷми фоида гирифташударо ҳамчун нишондоди самаранокӣ истифода мебаранд. Ба акидаи мо фоида нишондиҳандаи самараи ҳосилгардида ҳисобида мешавад, яъне ин нишондиҳандаи мутлақи самаранокӣ мебошад. Аммо, дар асл, худи фоидаро (ҳатто бо назардошти хароҷот) метавон нишондиҳандаи самаранокӣ шуморид, зеро ҳангоми ҳисобу китоби он ҳам хароҷотҳо ва ҳам самараи фоида аз фурӯш ҷалб карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, фоида нишондоди нисбии самаранокӣ шуда наметавонад чунки дар он муқои саи самара ба хароҷот инъикос карда нашудааст. Аз ин рӯ нишондиҳандае аҳамиятнок аст, ки дар натиҷаи муқоисаи самара ба натиҷа бадаст омадааст ва ин нишондиҳандаҳои даромаднокӣ мебошад.

Дар ҳисобҳои мухталифи олимон зиёда аз 20 нишондиҳандаи даромаднокӣ истифода бурда шаванд, вале ба ақидаи мо се нишондиҳанда аз ҳама муҳимтар мебошад, ки дар ҷадвал оварда шудаанд.

Ҳар як нишондиҳандаи даромаднокӣ метавонад аз ҳисоби тавозуни (даромаднокии умумӣ) ва фоидаи соф (фарқияти пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва ғайра) ҳисоб карда шавад (даромаднокии ҳисобкардашуда).

**Ҷадвал - Шарҳи нишондиҳандаҳои даромаднокии истеҳсолот**

| № | Формулаҳои даромаднокӣ | Шарҳи формулаҳои даромаднокӣ |
|---|---|---|
| 1. | $Дмахс = \frac{Ф}{ХЧ} х100\%$ (2) | Ин формулаи даромаднокии маҳсулот мебошад. Дар ин ҷо: ***Д маҳс***-даромаднокии маҳсулот, ***Ф*** - фоида; ***Хҷ***– хароҷотҳои ҷорӣ; |
| 2. | $Дви = \frac{Ф}{АФа+АФГ} х100\%$ (3) | Ин формулаи даромаднокии воситаҳои асосӣ ва восита-ҳои гардишии меъёртаъминкунанда мебошад. *Дар ин ҷо:* ***Дви*** - даромаднокии восита-ҳои истифодашуда*;* ***Ф*** - фоида; ***АФа*** – арзиши фондҳои асосӣ; ***АФг*** – арзиши фондҳои гардон. |
| 3. | $Дмаб = \frac{Ф}{Ма} х100\%$ *(4)* | Ин формулаи даромаднокии маблағгузорӣ дар корхона мебошад. *Дар ин ҷо:* ***Дмаб***-даромаднокии маблағгузорӣ*;* ***Ф***-фоида; ***Ма***–маблағгузории асосӣ . |

Бо андешаи А.Д. Шафронов [8] сатҳи самаранокии истеҳсолот бо таносуби даромади умумии (фоида) воқеии корхона ба воҳиди хароҷоти истифодашуда (ва ё танҳо хароҷоти истеҳсолӣ ) ба сатҳи нақшавии онҳо муайян карда мешавад (*Си*):

$$СИ = \frac{ДУ\ (Ф)}{Аа+АФ*К} : \frac{ДУн\ (Фн)}{Аан+АФн*К} \quad (5)$$

дар ин ҷо: $ДУ$ ва $ДУ_н$ — мутаносибан андозаи воқеӣ ва нақшавии (меъёри) даромади умумӣ;

$Ф$ ва $Ф_н$ - ҳаҷми фоидаи воқеӣ ва нақшавӣ;

$Аа$ $Аа_н$ —арзиши аслии воқеӣ ва нақшавии маҳсулот;

*АФ* ва $АФ_н$ — ҳаҷми фондхои сарфшудаи воқеӣ ва нақшавӣ ;

*К*— коэффитсиенти самаранокии истифодабарии фондҳо (нисбати арзиши фондҳо ба шумораи коргарон муайян карда мешавад).

Бо ҳамин усул ҳам низоми нишондиҳандаҳои иловагии самаранокии истеҳсолот (таносуби нишондиҳандаҳои воқеӣ ва нақшавии истифодабарии замин, сармоя ва меҳнат) -ро ташкил менамояд.

Дар айни замон, самаранокиро ҷудо аз масъалаҳо ҷиҳати ҳифз ва беҳтарсозии ҳосилхезии хок ва тадбирҳои экологӣ баррасӣ кардан номумкин мебошад. Барои ин зарур аст, ки миқдоран арзиши (камшавӣ) ҳосилхезии хок бо назардошти зиён расонидан ба муҳити зист ба инобат гирифта шавад. Дар асоси ин, арзёбии ниҳоии самаранокии экологӣ - иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ бо формулаи зерин, ки аз ҷониби ҳамон муаллиф пешниҳод шудааст, ҳисоб кардан мумкин аст:

$$СИ = \frac{ДУ\ (Ф) \pm Эп}{Аа + АФ * К} : \frac{ДУн\ (Фн)}{Аан + АФн * К} \quad (6)$$

дар ин ҷо: $Э_п$ - арзиши эквиваленти тағйирёбии ҳосилхезии хок

Барои ҳисоб кардани фоиданокии оптималӣ, А.Д. Шафронов формулаи зеринро пешниҳод мекунад:

$$Сд = \frac{(Пв * 1ф) * (1 + К0б) * \frac{1}{ПРп},}{С + Ic * Ip} * 100\%^{*} \quad (7)$$

дар ин *ҷо: $С_д$ - сатҳи (меъёр) даромаднокӣ, %;*

$П_в$ — афзоиши маҷмӯи маҳсулоти умумӣ дар соли оянда, сомонӣ;

$Ф_е$ — маҳсулнокии сармоявии маҳсулот (сатҳи заминавӣ ), сомонӣ;

$К_{0б}$ —коэффитсиенте, ки таносуби воситаҳои гардиширо ба ҳаҷми умумии воситаҳои асосии он нишон медиҳад;

$ПР_Н$ — қисми захиравии фоида барои мақсадҳои истеҳсолӣ;

*С* — арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда (сатҳи заминавӣ);

$1_С$ — индекси арзиши аслии маҳсулот;

$1_{рп}$ — индекси ҳаҷми маҳсулоти фурухташуда (дар муқоиса бо сатҳи заминавӣ).

Ин формула, тибқи ақидаи муаллиф, на танҳо таносуби нархҳоро ба инобат мегирад, балки ҷараёни инкишофи таваррумро тавассути истифодабарии нишондиҳандаҳои маблағгузории сармояи асосӣ ва арзиши аслии истеҳсолиро низ ба назар мегирад.




**Расми 2 - Алоқамандии нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот**

Барои арзёбии самаранокии сатҳи истифодабариин ин ва ё дигар захираҳои муайян, низоми нишондиҳандаҳои самаранокии умумиро метавон истифода бурд. Ба ақидаи мо, аз ҳама бештар нақшаи мутақобила байни нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот, ки аз ҷониби олими рус М.И. Тертышник [7] таҳия шудааст барои истифодабарӣ муносиб мебошад. Таносуби ин нишондиҳандаҳо дар расми 2 нишон дода шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар ин ҷо низ, на ҳама чиз ба инобат гирифта шудааст. Ба андешаи мо, иловатан ба инобат гирифтани чунин омилҳои мушаххаси истеҳсолоти кишоварзӣ чун захираҳои заминӣ мақсаднок мебошад. Аз ин рӯ, мо илова менамоем (ба нақша ворид менамоем) нишондиҳандаи муҳим - тағйирёбии (афзоиш) ҳосилнокии замин ($З_0$). Формулаи аниқ муайян кардаи мо нишондиҳандаҳои ҳар як зироати кишоварзӣ дар бар мегирад.

$$Зо = \frac{\sum Хз * Нм * Мк + \sum Сч + Мн + Мч}{Мк} \quad (12)$$

дар ин ҷо: $Х_п$ - ҳосилнокии зироати алоҳида, сентнер;

*Хз* - нархи зироати алоҳида, сомонӣ.;

*Мк* — масоҳати кишти зироати алоҳида, га;

*Сч* — саршумори чорвои намуди алоҳида, сар.;

*Мн* — маҳсулнокии намуди чорвои махсус, сомонӣ;

*Мч* — нархи маҳсулоти намуди чорвои махсус, сомонӣ.;

*Мк* - майдони заминҳои зироаткорӣ, га.

Усули муайян намудани самаранокии истеҳсолот нисбат ба захираҳо каме мушкилтар аст. Иқтидори истеҳсолии ташкилшуда, захираҳои заминӣ ва меҳнатии вуҷуддошта имкон медиҳанд, ки самаранокии баланди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шавад. Аммо ин танҳо дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки ҳар як шахс ва ҳайати кормандон ба таври умумӣ аз баланд бардоштани самаранокии маҷмӯи меҳнат фоидаи назарраси иҷтимоӣ ва моддӣ ба даст оварда метавонанд. Самаранокии баланд тавассути истифодабарии бештари воситаҳои истеҳсолӣ ва дар ниҳоят баргардонидани самараи онҳо ба даст оварда мешавад. Ҳамин тавр ба қадри тақвиятахшии муносибатҳои бозаргонӣ арзёбии фаъолияти истеҳсолоти кишоварзӣ ва самаранокии он таҳким ва такмил меёбад.

Хулоса дар айни замон барои баҳодиҳии самаранокии истифодаи захираҳо, самаранокии истеҳсоли маҳсулот, самаранокии соҳа ё корхона дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои самаранокии дар боло овардашуда истифода мешаванд ва имкон медиҳанд, ки самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дуруст муайян карда шавад. Дар ин ҳолат фоида, даромади соф хароҷот ва сармоя омилҳои асосии муайян ҳангоми муайян намудани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ боқӣ мемонанд.

## АДАБИЁТ


1.Кидяева Н.А. Методика определения экономической эффективности сельскохозяйственной продукции//Инновации в образовательной деятельности: российский и зарубежный опыт: материалы междунар. науч.-метод. конф. 4.1. - Хабаровск: Изд-во ДВАГС, 2007. - С.222- 227.

2.Витун Е.Р. Сущность, критерий и факторы экономической эффективности сельскохозяйственного производства: лекции для студентов /Гроднен. с.-х. ин-т. - Гродно, 1993. - 85с.

3. Мадаминов В.С. Зерновое хозяйство Таджикистана: состояние и перспективы развития / Материалы конференции/ Душанбе 2004.

4.Мазлоев В.З. Арендные отношения в АПК. Теория и практика. — М.: Агропрогресс, 1998. - 169 с.

5.Пириев Д.С., Олимов А.Х. Эффективность территориальной организации производства хлопка-сырца в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2005. с. 22-40.

6.Свободин В.А. Системное исследование эффективности сельского хозяйства /В.А. Свободин, М. Свободина //Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 1997. - №9. - С.10-14.

7.Тертышник М.И. Экономика предприятия: учеб.-метод. комплекс. — М.: ИНФРА-М, 2005. - 301 с. Балыков В. Система показателей экономической эффективности // Экономика управление АПК. - 2011. - № 7. - С. 19-21.

8.Шафронов А. Д. Оценка эффективности сельскохозяйственного предприятия // АПК: Экономика, управление. - 2008. - №4. - с.2-4.

9.Шарифов З.Р. Особенности хозяйственного механизма АПК // «Кишоварз» №2, 2015 С.72-75


## АННОТАЦИЯ

## КРИТЕРИИ, ФАКТОРЫ И СИСТЕМА ПОКАЗАТЕЛЕЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА.


В статье описывается система показателей эффективности производства, критерии и факторы, влияющие на нее. Авторы проанализировали взгляды многих отечественных и зарубежных ученых на показатели эффективности производства и

представили свои взгляды на них. Также были выявлены и проанализированы факторы, влияющие на эффективность производства.
***Ключевые слова:*** *эффективность, экономическая эффективность, валовая продукция, конечный продукт, результат, резервы, валовая прибыль, чистая прибыль, текущие расходы, критерий эффективности, региональная специализация.*

**ANNOTATION**

**CRITERIA, FACTORS AND SYSTEM OF INDICATORS OF AGRICULTURAL PRODUCTION EFFICIENCY**

The article describes the system of indicators of production efficiency, criteria and factors influencing it. The authors analyzed the views of many domestic and foreign scientists on production efficiency indicators and presented their views on them. The factors influencing production efficiency were also identified and analyzed.
***Key words:*** *efficiency, economic efficiency, gross output, product, final product, result, reserves, gross profit, net profit, operating costs, efficiency criterion, regional specialization.*